# Забони русӣ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 2 Ноябр, 2017 - 12:27

Забони русӣ якҷоя бо забонҳои украинӣ ва белорусӣ як гурӯҳи забонҳои славянии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил медиҳад. Забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони муоширати байнимиллатҳо пазируфта шудааст. Доир ба ин дар моддаи 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст: «Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад».

Сохти грамматикаи забони русӣ флективӣ; префиксу суффиксҳои зиёде дорад. Хусусан лексикаи забони русӣ ниҳоят ғанӣ аст. Дар он ғайр аз калимаҳои аслан русӣ ва славянӣ, ки фонди асосии луғавии забони русиро ташкил медиҳанд, калимаҳои аз забонҳои дигари дунё иқтибосшуда хеле зиёданд.
Аввалин осори хаттӣ ба забони русӣ ба асри X таалуқ дорад: нахустин китоб дар соли 1574 чоп шудааст; алибои русӣ дар асоси «кириллица» инкишоф ёфтааст.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 4

Баҳои миёна: 4 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Забони рӯсӣ [1]

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/zaboni-rusi?page=46

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D1%81%D3%A3